«Тасдиқ мекунам»
директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ,
доктори илмҳои филология
Қаландариён Ҳ. С.
________________________
«__» ____________2024.

# ХУЛОСАИ
## Шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович **«Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ дар шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров ба анҷом расонда шудааст.

Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар Институти номбурда дар шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон ҳамчун ходими илмӣ кор мекунад.

Шакармамадов Ориф Нисормамадович соли 1999 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ Охониёзов Варқа Дустович, доктори илмҳои филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров 3.04.2019, протоколи № 4 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии Шакармамадов О. «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Рисолаи Шакармамадов О. Н. таҳқиқоти пурраву анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб шуда, аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навоварии илми

бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки унвонвҷӯ бори аввал вижагиҳои жанрии ривоятро дар асоси маводи ривоятҳои мардумии вилояти Бадахшони Тоҷикистон мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор дода, як қатор хусусиятҳои сохториву маънoии онро маълум намуда, ба хулосаҳои илмӣ расидааст.

**Навовариҳои илмии пажуҳиш.** Тадқиқоти мавриди муҳокима қарорёфта маҷмӯи муҳимтарин масоили асарҳои насри халқии Бадахшон, хосса жанри ривоятро фаро мегирад, ки ба истиснои баъзе қайду ишораҳои иҷмолӣ, онҳо бори аввал дар асоси маводди фаровон ва муътамад таҳқиқ ва баррасӣ мешаванд. Бар замми ин, таҳлили матни аслии ривоятҳо, ки ба таври васеъ ба миён гузошта шуд, метавонад барои таҳқиқи дигар жанрҳои насри шифоҳӣ истифода шавад.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

- раванди таҳқиқоти пайгирона аз ҷониби фолклоршиносони таҷрибаандӯхтаи тоҷик дар таъин намудани истилоҳоти нисбатан дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои насрӣ мансуб ба эҷодиёти шифоҳӣ ва муайянсозии хусусиятҳои жанрии ривоят мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз нимаи асри XX шуруъ гардида то солҳои охир чун дар фолклоршиносии кишварҳои дигар, дар фолклоршиносии тоҷик ҳам вижагиҳои жанрии ривоятҳои мардумӣ ҳанӯз дуруст ва мушаххас таъин нашудааст. Сабаби ин ҳолат ба худи сохту шакл ва мазмуну муҳтавои онҳо ҳамбастагии зич дорад;

- ривояти халқӣ, гарчанде бо баъзе хусусияташ ба афсона, устура ва нақл шабоҳат дошта бошад, аз рӯи мазмуну мундариҷа аз онҳо комилан тафовут дорад. Дар фолклоршиносии тоҷик дар партави таҳлилу баррасии жанрҳои насри омиёна ва бевосита доир ба нақл ва ривоят таълифоту гузоришоти муҳаққиқон ба муомилоти илм дохил шуда бошад ҳам, ҳанӯз ихтилофи назарҳо ва ақидаҳои мухталиф доир ба ривоят ва дигар жанрҳои насри лафзӣ ба чашм мерасанд.

- як қисми калони ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон бештар дар асоси шарҳу эзоҳи этимологии калимаҳо ва тавзеҳу тафсири пиндоштҳо, тасаввурот ва нуқтаи назари мардум дар бораи ашёҳои табиат ба монанди чашмаву дарахт, пайдоиши кӯлҳо, сангу теппаҳо ва дигар ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба вуҷуд омадаанд. Баъзан ривоятҳо дар таъин намудани бисёр ҳодисаҳои таърихӣ ва афкору ақидаҳои гуногуни одамон оид ба ашёву ҳодисаҳои аёну ноаёни табиату ҷамъият маводи пурарзиш ба ҳисоб меравaнд ва онҳо доир ба дигар паҳлӯҳои ҳаёти моддӣ ва маишии мардум низ маълумоти пурқимат медиҳанд. Ашёҳои табиат ҳамчун рамз дар ривоятҳо мавқеи муҳимро касб кардаанд. Ба воситаи ин образҳо орзуҳои самимӣ, эътиқоду ихлос, маърифати дарки муҳити зисту зиндагонии одамон дар ривоят инъикос

шудааст. Дар қисми зиёди ривоятҳое, ки ба ин гурӯҳ шомиланд, пайвастагии басо диққатангези инсону табиат аён мегардад. Рамзҳо бо табиат ва бо муҳити зиндагии одамон алоқаи узвӣ дошта, дар ин мавридҳо рамз мавқеи аввалиндараҷа дорад.

- гарчанде ривоятҳо хусусияти афсонаҳои сеҳромез ё асотириро низ дошта бошанд ҳам, лекин онҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтавои худ аз бунёди воқеӣ доштанашон дарак медиҳанд. Зеро онҳо дар маҷмуъ баёнгари воқеии ақидаву ҷаҳонбинӣ, фаҳмишу дониш, муносибатҳои мухталифи аҳли авомро ба ашёву ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият дар давраҳои гуногуни таърихи башарӣ ба таври воқеӣ баён мекунанд. Онҳо дар таъин намудани, ақидаву ҷаҳонбинӣ, боварию эътиқод, ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавӣ ва масоили дигари марбут ба тахайюлоти мардум ҳамчун манбаъ ва маъхази муҳиму муътамад баромад мекунанд. Дар солномаҳо ва эҷодиёти даҳонӣ ривоятҳо баъзан ба сифати манобеи муътамади таърихӣ истифода бурда мешаванд. Муаррихон дар бисёр маврид ҳамчун асноди эътимоднок аз гузаштаи ин ё он диёр истинод ба маъхази ривоят мекунанд.

**Робитаи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ бо самтҳои илмии афзалиятнок, лоиҳаи умдаи илмӣ ё барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ.** Рисола мавзуи лоиҳаи панҷсолаи (2021 - 2025) шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ буда, унвонҷӯ дар ҷамъоварии мавод ва таҳқиқи он бевосита саҳм гузоштааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқи диссертатсионӣ** дар он аст, ки натиҷаҳои тадқиқот метавонанд, дар омӯзиши масъалаҳои умумии фолклори Бадахшон ва фолклоршиносии тоҷик истифода шаванд. Инчунин маводди он барои омӯзиши илмии ривоятҳои мардумии тамоми манотиқи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти амалии тақиқ** дар он аст, ки маводди рисола ҳамзамон барои муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, антропология, этнология, мардумшиносӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ ва оммавӣ хизмат мекунад. Баъзе ишораҳои таҳқиқи мазкур аз аҳамият холӣ набуда, дар дарсҳои фолклори тоҷик, дар навиштани китобу дастурҳои тахассусии методӣ-таълимӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олӣ метавон аз он истифода бурд.

**Ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади марказии кори диссертатсионӣ аз муайян сохтани вижагиҳои жанрии ривоят тавассути таҳлили ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон ва зимни ин таҳлилҳо равшан намудани баъзе масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла мундариҷа ва мазмуни ривоятҳо, ақидаҳои мухталифи олимон аз хусуси истифодабарии истилоҳи

илмӣ барои навъҳои насри шифоҳӣ, ҳамбастагии ривоятҳо бо нақлу асотир ва ғайра иборат аст. Барои расидани ба ин мақсад вазифаҳои асосӣ муайян шудаанд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- тасниф ва тафсир намудани ривоят ва муайян сохтани хусусиятҳои жанрии он;
- нишон додани тафовути ривоят аз дигар жанрҳои насри халқӣ ба мисли асотир, афсона, нақл, қиссаву ҳикоя;
- баррасии ривоят ҳамчун жанри алоҳидаи фолклорӣ;
- таҳлили мавзуъ ва муҳтавои ривоятҳои мардуми Бадахшон;
- ба таври мухтасар шарҳу тафсири мавзуъи ривоятҳо;
- муайян намудани нақши бархе аз ашёву ҳодисаҳои табиат дар тасаввури мардум;
- таҳлили ривоятҳо дар бораи дарахти арчаву чанор;
- таҳлили ривоятҳо оид ба пайдоиши кӯлҳо;
- муайян намудани хусусиятҳои жанрии ривоят ва таъйин намудани мавқеи он дар ҳаёти маънавӣ ва адабии мардум.

Масъалаҳои зикршуда аз умдатарин нуқтаҳои тадқиқот дар мадди назар дошта шудаанд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқро** асарҳои фолклоршиносону адабиётшиносони варзидаи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла С. Н. Азбелев, Н. А. Криничная, В. Я. Пропп, В. К. Соколова, А. З. Розенфелд ва Н. П. Ричкова, В. Асрорӣ ва Р.Амонов, Ҳ. Раҳматов, Х. Шарифов, Д. Обидов, Ю. Салимов, Н. Шакармамадов, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимӣ, В. Охониёзов, Ризвоншоева Г, Қурбонхонова Н. ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 161 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ.** Рисола дар ҷаласаи васеи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ (протоколи № 4 аз 4.09.2024 ), муҳокима гардида, барои дифоъ пешниҳод шуд.

Маҷмӯи хулосаҳои рисола дар 1 брошюра, 1 китоб, 19 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар нашрияҳои илмии пешбар, ки ба руйхати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ва 14 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои дигари илмӣ нашр гардидаанд. Инчунин натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии диссертатсия дар маърӯзаҳои илмии муҳаққиқ дар симпозиум, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла: Симпозиуми ҷумҳуриявии «Иқтисодиёт ва илми ВМКБ. Дирӯз, имрӯз ва фардо» (Хоруғ, 25-27.05.2005);

Конференсияи байналмилалии бахшида ба ҳазораи Носири Хусрав «Дирӯз, имрӯз, фардо» (Хоруғ, 3-4.09.2004) мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

**Муҳимтарин хулосаҳои диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

**I. Брошюра, китоб:**

[1-М]. Шакармамадов, Н., Шакармамадов, О. Наврӯзи Бадахшон (расму оинҳо) [Матн] / Н. Шакармамадов, О. Шакармамадов. – Хоруғ: Маърифат, 2003. – 46 с.

[2-М]. Қурбонхонова, Н., Азорабекова, Ш., Шакармамадов, О. Дирӯз ва имрӯзи Наврӯзи Бадахшон [Матн] / Н. Қурбонхонова, Ш. Азорабекова, О. Шакармамадов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2024. – 142 с.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия:**

[3-М]. Шакармамадов, О. Топонимические мотивы предание бытующие на территории Горного Бадахшана [Матн] / О. Шакармамадов // Суханшиносӣ, 2020. – № 3. – С. 165-172.

[4-М]. Шакармамадов, О. Ривоятҳои мардуми Бадахшон дар бораи дарахтон (дар мислои дарахтони арчаву чанор) [Матн] / О. Шакармамадов // Паёмномаи фарҳанг, 2021. – № 4. – С. 40-47.

[5-М]. Қаландаров, Ҳ., Шакармамадов, О. Тобишҳои асотирӣ дар ривоятҳои мардумӣ [Матн] / Ҳ. Қаландаров, О. Шакармамадов // Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2022. – № 2. – С. 187-190.

[6-М]. Шакармамадов, О. Ривоятҳо – этимологияи мардум [Матн] / О. Шакармамадов // Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2022. – № 3. – С. 289-293.

[7-М]. Охониёзов, В., Шакармамадов, О. Баррасии ривоятҳои Бадахшон доир ба сангҳо [Матн] / В. Охониёзов, О. Шакармамадов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2, 2024. – № 3. – С. 98-106.

**III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[8-М]. Шакармамадов, Н., Шакармамадов, О. Мулоҳизаҳо перомуни ду ривояти мардумӣ [Матн] / О. Шакармамадов // Паёми донишгоҳи Хоруғ. Бахши, 2000. – № 2. – С. 49-57.

[9-М]. Шакармамадов, О. Назаре ба истилоҳоти илмии нақл ва ривоят [Матн] / О. Шакармамадов // Паёми донишгоҳи Хоруғ. Бахши, 2001. – № 3 – С. 92-97.

[10-М]. Шакармамадов, О. Аз бобби оинҳо ва ривоёт вобаста ба об [Матн] / О. Шакармамадов // Паёми донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2, 2002. – № 4. – С. 68-74.
[11-М]. Ривоят ва афсонаҳо доир ба Носири Хусрав дар осори хаттӣ [Матн] / О. Шакармамадов // Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз, фардо. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – С. 599-602.
[12-М]. Шакармамадов, О. Чанд ривоёт роҷеъ ба фариштаҳои об [Матн] / О. Шакармамадов // Иқтисодиёт ва илми ВМКБ: дирӯз, имрӯз ва фардо. – Хоруғ, 2005. – С. 110-113.
[13-М]. Шакармамадов, О. Наврӯз – маросими кишоварзон [Матн] / О. Шакармамадов // Оинҳои наврӯзӣ дар Бадахшон. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – С. 48-59.
[14-М]. Шакармамадов, О. Заминаи ривоят – воқеият [Матн] / О. Шакармамадов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ, 2019. – № 1. – С.124-128.
[15-М]. Шакармамадов, О. Типологияи сужаҳо дар асарҳои насри халқӣ [Матн] / О. Шакармамадов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ, 2021. – № 1. – С. 144-149.
[16-М]. Шакармамадов, О. Нишонаҳои парастиши олами рустанӣ дар ривоятҳо [Матн] / О. Шакармамадов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ, 2021. – № 2. – С. 124-130.
[17-М]. Шакармамадов, О. Хусусият ва таснифи жанрҳои насрии фолклори тоҷик [Матн] / О. Шакармамадов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ, 2022. – № 3. – С. 77-87.
[18-М]. Шакармамадов, О. Размышление об одном народном предание [Матн] / О. Шакармамадов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ, 2024. – № 1. – С. 98-105.
[19-М]. Шакармамадов, О. Инъикоси ҳодисаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон [Матн] / О. Шакармамадов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ, № 2. – Душанбе: Ирам, 2024. – № 2. – С. 138-145.

Хулосаи диссертатсияи Шакармамадов О. Н. дар ҷаласаи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони ИИГ ба номи Б. Искандаров баррасӣ шуда, онро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ – Офаридаев Назрӣ, Абдулназарзода Абдулназар, номзади илмҳои филологӣ – Қурбонхонова Нуриҷаҳон саволҳо пешниҳод гардид. Унвонҷӯ Шакармамадов Ориф Нисормамадович ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар муҳокима олимони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров 4 доктори илмҳои филологӣ – Қаландариён Ҳоким Сафар, Охониёзов Варқа, Абдулназарзода Абдулназар, Офаридаев Назрӣ номзадҳои илми филологӣ – Қурбонхонова Нуриҷаҳон, Назаршоева Чила,. Некушоева Шаҳло, Мирзоев Шоҳназар ва дигарон иштирок доштанд.

Маҷлиси шуъбаи адабиёт ва фолклори Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров бо дарназардошти фикру андешаи маърузачиён ва иштирокдорони ҷаласа

## ҚАРОР КАРД:

1. Суханронии доктори илмҳои филологӣ – Қаландариён Ҳ. С., Офаридаев Н., Абдулназарзода А., номзадони илмҳои филологӣ – Қурбонхонова Н., Мирзоҳасанов Л. ба инобат гирифта шавад.
2. Рисолаи илмии ходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон Шакармамадов О. Н. дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.
3. Аз Шурои диссертатсионии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пурсида шавад, ки қарори мазкурро ба эътибор гирад, ки диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мутобиқат дорад.

Иштирок доштанд: 15 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 15 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0
Қарори № 4 аз 4-уми сентябри соли 2024

Мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти
илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров,
номзади илмҳои филологӣ Қурбонхонова Н. М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4

Тел.: (+992) 934609093
E-mail: ms.nurijakhon@mail.ru

Котиби ҷаласа Хоҷаниёз А.С.
Тел.: 50 116 39 10
E-mail: abdulniyz4@gmail.com

«Имзои Қурбонхонова Н. М. ва Хоҷаниёз А.С.-ро тасдиқ мекунам»:
Нозири калони кадри Институти илмҳои
гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Садоншоев Т.М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4.
Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б. Искандаров
Тел.: 777 07 82 86
E-mail: Sadonshoev82@mail.ru